**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзӯи "Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ)**

Токпаварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сердаромад ба ҳисоб рафта, дар қатори дигар соҳаҳо соҳаи боғу токпарварӣ низ рушд кард. Ин соҳа яке аз самтҳои асосии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар иктисодиёти кишвар барои ғанӣ гардонидани буҷети давлат мавқеи устувор дорад.

Масаидов Ҷ.Ғ. самти илмӣ-тақиқотии худро ба мукаммалгардонии сохтори таҷҳизот ба дорупошак ва технологияи пошдиҳии танзикунандагони сабзиш, баҳри хуб намудани сифати коркард бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати ангур бахшидааст. Аз тарафи Ӯ бори аввал конструксияи таҷҳизоти дорупошӣ барои соҳаи токпарварӣ сохта, мукаммал гардонида шуда, параметрҳои геометрӣ ва кинематикии он муайян карда шудааст. Таъсири он ба нишондиҳандаҳои агробиологии ангур ва самаранокии он ҳисоб карда шудаст.

Таҷҳизоти ихтироъ намудаи муаллиф ба дорупошак, нисбат ба насоси дастии мавҷудбудаи анъанавии истифодашаванда як қатор бартариҳо дорад: дар муҳлати кӯтоҳи агротехникии 5 - 6 рӯз тамоми майдони аз 50 то 300 га-ро коркард менамояд, ки ин самаранокиро то 3-4 маротиба баланд мекунад; хароҷоти маҳлули обиро то 2,5-3,0 маротиба ва хароҷоти танзикунандагони сабзишро то 30 % кам мекунад.

Бартариҳои номбаршуда имконият медиҳад, ки коркарди хушсифати хӯшаи гули ангур гузаронида шуда, баландшавии ҳосилнокии навъҳои ангури бедона ба монанди кишмиши сиёҳ то 10,8% зиёд мусоидат кунад.

Инчунин, таҳқиқ намуда, аниқ карда шудааст, ки натиҷаи беҳтарин ҳангоми коркарди танзимкунандагони сабзиш Сиркон - 0,10% то ва пас аз давраи гулкунӣ ва Гибберелин - 0,15% дар давраи гулкунӣ ба даст овардааст, ки дар ин вариант ҳосилнокӣ ба 21,7 т/га баробар шуд ва аз варианти назоратӣ 5,4 (варианти назоратӣ 15,6 т/га) тона зиёд ба даст оварда шуд.

Дар автореферати баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Формулаҳои овардашуда танҳо стандартӣ буда, формулаҳои таҳқиқотӣ дар матн оварда нашудаанд.

2. Барои муайян намудани самаранокии иқтисодӣ аз истифодабарии таҷҳизоти такмилдодашуда чӣ усул истифода бурда шудааст ва оё самаранокии иқтисодӣ бо ҳуҷҷат тасдиқ шудааст?

Камбудии зикргардида моҳияти илмӣ-амалии автореферати додашударо кам намекунанд.

Дар асоси натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ 17 номгӯйи таълифоти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсионӣ, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА ҶТ тавсияшаванда, 1 мақолаи илмӣ дар маҷаллаи байналмилалии тақризшавандаи СКОПУС, 9 мақола дар конфронсҳои байналмиллалию ҷумҳуриявӣ, 2 нахустпатент ва 2 санади ҷорикунӣ дар истеҳсолот мебошад, ки дараҷаи назариявию амалӣ ва муҳимият онро дарҷ мегардонад.

Автореферати Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзӯи "Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор" дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва унвонҷӯй барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.т., муовини директори генералии
ҶДММ «КМ Муосир» М.Сафаралиев

*Суроға:* 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
ҷамоати Пушинг, деҳаи Ғиҷовак
*Тел.:* (+992) 000-03-15-42
*Почтаи эл.: safarovm15@gmail.com*

Имзои муовини директори генералии ҶДММ «КМ Муосир»
Сафаралиев М.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо Бобоев Ҷ.З.
10.06.2025